**Барномаи идораи марзҳо дар Осиёи Марказӣ (БОМКА)**

аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ мегардад

Ҳамкори амалиёт

Empowered lives. Resilient nations.

аз ҷониби БРСММ амалӣ мегардад

**ПРЕСС–РЕЛИЗ**

# ТРЕНИНГИ МИЛЛӢ ОИДИ ТАЪМИНКУНИИ МОЛҲОИ СТРАТЕГӢ ДАР САТҲИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ТОҶИКИСТОН

***ш. Душанбе, Тоҷикистон (16 маи с. 2013)*** – 16 нафар кормандони гумруки шаҳриву минтақави дар семинари чоррӯза оид ба таъминкунии молҳои стратегӣ дар сатҳи байналмилалӣ ширкат намуда истодаанд. Семинари мазкур аз ҷониби барномаи Иттиҳоди Аврупо ва БРСММ оид ба мусоидат намудан дар идоракунии сарҳадот дар Осиёи Марказӣ (БОМКА) дар якҷоягӣ бо Маркази Байналмилалии Сиёсати Рушди Муҳоҷират (МБСРМ) ташкил карда шудааст.

Ду тренери Иттиҳоди Аврупо ба кормандони сатҳи миёнаи мақомоти дар боло зикргардида дар мавзӯъҳои молҳои стратегӣ, режими транзитӣ, қисматҳои гуногуни назорати экспорти стратегӣ, ҳамчунин дар бораи базаи қонунгузорӣ ва санадҳои нормативии мавҷуда маълумот пешниҳод намуданд. Тренерҳо оиди муқаррароти транзитии мавҷуда, хатарҳои транзитӣ ва роҳҳои коҳишдиҳии онҳо табодули назар намуданд.

Мақсади амалии тренинги мазкур ин кӯмак намудан ба ширкаткунандагон дар дарки робитаи байни муқаррароти гумрукӣ, транзитӣ, экспортӣ ва импортӣ, ҳамчунин ошноӣ бо қонунгузории байналмилалӣ мебошад, ки таъминкунии молҳои стратегӣ ва режими транзитиро ҳамоҳанг менамояд.

Ҳадафи барномаи БОМКА ин кӯмак намудан дар такмили бехатарӣ дар Осиёи Марказӣ, мусоидат намудан дар қонунӣ гардонидани тиҷорат ва транзит ва ҳамчунин пешгирӣ намудани убури ғайриқонунии одамон тавассути сарҳадоти Осиёи Марказӣ мебошад.

Барномаи БОМКА аз ҷониби Иттиҳоди Аврупо маблағгузорӣ гардида ва фаъолиятҳои он тавассути БРСММ ва Маркази Байналмилалии Сиёсати Рушди Муҳоҷират амалӣ мешаванд (МБСРМ).

***Барои дарёфт намудани иттилооти бештар*** *хоҳишмандем ба Сӯҳроб Қаҳоров, Менеҷери Барномаи БОМКА дар ҶТ бо имейли мазкур suhrob.kaharov@undp.org; ва тел.: (44) 6005527/28 муроҷиат намоед.*